# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи "Ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолият (1991-2021)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). –Душанбе, 2022.**

Муҳиммияти омӯзиш ва таҳқиқи рисола дар он зоҳир меёбад, ки замони соҳибистиқлолӣ дар тамоми қаларави Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳои куллие ба амал омад, ки водии Рашт аз он истисно нест. Дар муддати 30 – соли соҳибистиқлолӣ дар ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашт пешравиҳои назаррас ба амал омаданд. Дар ин ҷода хизмати Сарвари давлат бузург буда, баҳри таъмин сулҳу ваҳдати миллӣ ва рушди иқтисодиёти кишвар тамоми нерӯи худро равона намуда, ҳадафи аслии хешро дар таъмини сулҳу субот ва татбиқгардонии чор ҳадафи стратегӣ баҳри рушди бемайлони Тоҷикистони азиз медид.

Дараҷаи таҳқиқоти омӯзиши мавзӯъ ба талабот мувофиқ буда, муаллиф раванди рушди ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Раштро бо истифода аз манбаҳои боэътимод ва осори муҳаққиқони гуногун баррасӣ ва мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, ба хулосаҳои зарурӣ омадааст.

Мақсади таҳқиқоти рисола мавриди омӯзиш қарор додани ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолият (1991-2021), баррасӣ намудани рушд ва дастовардҳои он мебошанд, ки аз тарафи муаллиф таҳлилу таҳқиқи илмии худро пайдо намудаанд.

Усули таҳқиқи рисола дар такя ба усулҳои таҳқиқоти таърихӣ, объективона, адолатона, аз таърихи раванди соҳибистиқлолии Тоҷикистон, дар амал татбиқ намудани чор ҳадафи стратегӣ ва натиҷаи судманди он баҳри рушди ҷумҳурӣ, аз ҷумла водии Рашт тавассути сарчашмаву ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва асарҳои ёддоштӣ аз тарафи муаллиф риоя шудааст.

Навгониҳои илмии диссертатсия дар он зоҳир мешаванд, ки то ҳанӯз бо чунин ҳаҷму номгузорӣ ва истифодаи сарчашмаву адабиёт оид ба омӯзиши ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолият (1991-2021) таҳқиқоти мукаммали илмӣ ба анҷом расонида нашудааст.

Чӣ тавре, аз таълифоти диссертант бар меояд, вазъи саноати водии Рашт дар замони соҳибистиқлолӣ рӯ ба пешравӣ оварда, дар навоҳии минтақа асосан саноати сабук рушд ёфта, барои дар оянда рушд ёфтани саноати вазнин дорои захираи калони ашёи хоми табиӣ мебошад.

Диссертант оид ба вазъи кишоварзии водии Рашт низ дар заминаи таҳқиқоти худ доир ба харобшавӣ ва камшавии заминҳои кишоварзӣ,марҳалаи барқарорсозии заминҳои кишоварзӣ, азхудкунӣ ва афзоиши заминҳои кишоварзӣ дар водии Рашт маълумоти илмӣ дода аст. Муаллиф оид ба пешравии соҳаи мазкур афзалиятнокии қарору қонунҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро аввалиндараҷа маҳсуб дониста, дар заминаи татбиқгардонии он мисли дигар қаламрави ҷумҳурӣ дар водии Рашт корҳои зиёде ба анҷом расонида шудааст.

Дар рисола ҳаёти фарҳангии водии Рашт дар солҳои истиқлолият таҳлилу таҳқиқи илмӣ гардида, роҷеъ ба тандурустӣ, вазъи муассисаҳои таълимӣ ва равшаннамоӣ – маърифатӣ, сайёҳӣ ва нақши он дар баланд бардоштани фарҳанги миллӣ маълумот дода шудааст.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзӯи**“Ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолият (1991-2021)”** ба бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти № 505 ба тавсиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Махсудов Аслиддин Муҳаббатович — сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Номзади илмҳои таърих, и.в. дотсенти**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ** **Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна**

**Суроға:**734003, г. Душанбе, хиёбони Рудакӣ121, E-mail: **matlubaganjakova @mail.ru.**тел. (+992) 934 51 55 60

**Имзои номзади илмҳои таърих**
**М. Г. Ганҷаковаро тасдиқ мекунам:**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи С. Айнӣ** **Мустафозода Абдукарим**

30.08.2022с.